# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.KOA-029 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ФАЛСАФА

**Парвандаи аттестатсионии №___**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14 марти соли 2024, тахти №23**

**Барои сазовор донистани Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ**

Диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи «Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои ичтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ дар таърихи 04 январи соли 2024, суратмаҷлиси №17 аз ҷониби шурои диссертатсионӣ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2022 таҳти №38) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, соли таваллудаш 11.03.1988, соли 2011 факултети филологияи тоҷикро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз соли 2018 то соли 2024 унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров" мебошад. Мавзуи рисолаи илмии Мамадҷонова Муҳаббат дар шурои олимони муассисаи мазкур таҳти рақами №5 аз 19.12.2018 тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" омода гаштааст.

**Роҳбари илмӣ: Ҳодибоев Фаридун Абдуалиевич** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, сардори маркази иттилоот ва таҳлили Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

**Муқарризони расмӣ:**

**Мумин Назар** - доктори илмҳои фалсафа, дотсент, ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Саидзода Далер Муҳибулло** – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси фалсафа, муаллими калони кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, и.в. профессор Султонзода С.А. омода карда шуда, аз

ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент Саидова Г. ба имзо расидааст ва аз ҷониби ректори ҳамин Донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи «Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)" аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда дар асоси мутахассис аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ буданашон ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо, ки ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Мамадҷонова М.Д. алоқамандии зич доранд, асоснок карда мешавад.

Мамадҷонова Муҳаббат оид ба мавзуи диссертатсия 5 маводи илмӣ таҳия намудааст. Ҳамаи мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**

1. Мамадҷонова, М.Д. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги оиладории ҷавонон [Матн] / М.Д. Мамадҷонова [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №8. – С.193-197. ISSN 2074-1847.

2. Мамадҷонова, М.Д. Фарҳанги хонаводагӣ [Матн]: заминаҳо ва марҳилаҳои аслии танзими он дар Тоҷикистон / М.Д.Мамадҷонова [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №9. – С.202-208. ISSN 2074-1847.

3. Мамадҷонова, М.Д. Таъсири зиддиятҳои иҷтимоӣ дар солҳои 90-ум ба оилаҳои ҷавон [Матн] / М.Д. Мамадҷонова [Матн] // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2021. – №3. – С.131-138. ISSN 2710-4672.

4. Мамадҷонова, М.Д. Таъсири анъанаҳои фарҳанги оиладорӣ ба оилаҳои ҷавон дар давраи гузариш аз сотсиализм ба иқтисодиёти бозоргонӣ (Дар мисоли омодакунии хӯрокҳои суннатӣ) [Матн] / М.Д.

Мамадҷонова [Матн] // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №1. – С.48-54. ISSN 2076-2569.

5. Ҳодибоев Ф. А., Мамадҷонова М.Д. Ифротгароӣ: шеваҳои муосир ва муфиди мубориза [Матн] / Ф.А.Ҳодибоев, М.Д.Мамадҷонова [Матн] // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе: "Дониш". 2023. № 1 (270). –С. 73-78. ISSN 2791 – 2639.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

**Усмонзода Хайриддин** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақриз мусбат аст.

**Азимова Момоқиз** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, тақриз мусбат аст.

**Тураев Файзалӣ** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, тақриз мусбат аст.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферат воридгардида мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти ҷузъӣ дошта ва пешниҳодҳо манзур шудаанд: мувофиқи мақсад мебуд, ки масъалаи ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба таври густардатар ва бештар фарогир таҳқиқ мегардиданд; муаллиф нишон додааст, ки дар ҷомеаи тоҷикистонии муосир бояд ҳифзи шакли анъанавии оила ва ворид сохтани тағйироти зарурӣ ба он тибқи талаботи замон вазифаи асосии ҷомеа бошад, аммо хуб мебуд агар унсурҳои асосии чунин оила, ки бояд ҳифз шаванд, ба таври мушаххас нишон дода мешуданд; дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- табиат ва хусусиятҳои хоси ниҳоди оила дар ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир ва нақши онҳо дар ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ **коркард карда шудаанд**;
- **исбот карда шуд**, ки оила дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ яке аз арзишҳои афзалиятноки шахсӣ боқӣ монда, тамоюли рушди минбаъдаи оила асосан бо шароити дар сатҳи макросотсиалии мавҷудбуда муайян карда мешавад;
- **қайд карда мешавад,** ки оила гурӯҳи одамон ва ниҳоди иҷтимоӣ аст, ки дар асоси никоҳ ва алоқаҳои хешутаборӣ, ба таври озоду ихтиёрӣ ташкил шуда, баробарҳуқуқии аъзои худро нигоҳ медорад, хоҷагидории умумиро ба роҳ мемонад, муҳимтарин ҷузъи ҷамъияту давлат мебошад ва таҳти ҳимояти онҳо қарор дошта, аъзои худро тарбия мекунад ва арзишҳоро аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳад;
- **пешниҳод карда мешавад,** ки сиёсати оилавӣ ба ҳалли вазифаҳои баланд бардоштани нуфузи ниҳоди оила ва арзишҳои оилавӣ дар шуури омма, ба эътидол овардани институти никоҳ ва оила, муҳайё намудани

шароити иҷтимоию равонӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ барои бомуваффақият аз тарафи ниҳоди оила иҷро намудани ҳамаи вазифаҳое, ки шахсият ва ҷомеа дар маҷмуъ ба он ниёз доранд, равона карда шавад;

- **муайян карда шуд,** ки модели идеализатсияшудаи оилаи оянда дар зери таъсири оилаи аслӣ, баъзе намунаҳои омӯхташудаи муҳити иҷтимоӣ, инчунин сохторҳои амиқи арзишҳои шахсиятро ташаккул дода, он аз самтҳои арзишмандии оилаи воқеӣ аз рӯи муносибатҳои гуногун фарқ мекунад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст,** ки мавод ва хулосаҳои умумии он фаҳмиши навро оид ба дарки ниҳоди оила ва нақши он дар ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ дода, натиҷаҳои бадастомадаи таҳлилӣ барои бунёд ва рушди ғояҳои илмӣ-назариявии ниҳоди оила ва дар ин замина таҳкими пояҳои давлати миллӣ мусоидат менамоянд. Дар таҳқиқоти диссертатсионй, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои олимону муҳаққиқони соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, психология ва мутахассисони соҳаҳои дигари илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии тоҷику рус, аврупоӣ ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ таваҷҷуҳ намудаанд, такя кардааст. Ҳамзамон, ба корҳои илмии олимон ва муҳаққиқон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, барномаю қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махзанҳои электронии интернетӣ нашр гардидаанд, такя карда шудааст.

Дар диссертатсия дурнамо, хатар ва таҳдидҳои мавҷуда дар ростои ниҳоди оила ва роҳҳои маҳдуд намудани он дар шароити Тоҷикистони муосир аз нигоҳи илмӣ **муайян карда шудаанд.**

**Дар диссертатсия омӯхта шудааст**, ки оила аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи файласуфон, муаррихон, демографҳо ва дигар ҷомеашиносонро ба худ ҷалб намуда, он ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангӣ ва омили асосии иҷтимоигардонии ҷомеа дар таълимоти Афлотун, Арасту, Ф. Бэкон, Т. Гоббс, Г.Гегел, К.Маркс, Ф.Энгелс, В. Н.А.Бердяев, П.Флоренский Г.Спенсер, Э. Дюркгейм, Т. Парсонс, П. А. Сорокин, инчунин масъалаи зӯроварии оилавӣ ва ҷанбаи манфии оилаи патриархалӣ дар таҳқиқоти Н.В. Тулин, А.И. Савинов, доир ба оила ва оиладорӣ дар асарҳои илмии муҳақиқони ватанӣ Раҳимзода Х., Шоисматуллоев Ш., Ҳодибоев Ф.А., Дадобоева Н.Н., Насурова Б., Бобохонова Н. ва ғ. мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Пешниҳод гардид**, ки дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ масъалаи вазифаҳои иҷтимоии оила ҳамчун омиле, ки дар пешгирӣ ва ислоҳи намудҳои харобиовари рафтори девиантӣ нақши муҳим мебозанд, ба дигаргуниҳои тахти таъсири раванди ҷаҳонишавӣ суратгирифта нигоҳ накарда, муҳим арзёбӣ мешаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки эътимоднокӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои илмии бадастомада бо заминаи омӯзиши ҳамаҷониба ва шумораи зиёди сарчашмаҳои илман асоснокгардида, бо усули муносибати муназзам, инчунин бо таҳлили

шароитҳои объекти таҳқиқот, маҷмуи методҳои таҳлил ва таҷрид, таҳлили муқоисавӣ, умумиятдиҳӣ, принсипи таърихият, методи диалектикӣ, равишҳои институтсионалӣ ва синергетикӣ муайян гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** бо таҳқиқи мустақилонаи асосҳои назариявии ниҳоди оила дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ ифода меёбад. Дар доираи омӯзиши назарияҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, инчунин манбаъҳо, адабиёти илмӣ, ҳуҷҷатҳо ва ғайра муаллиф мустақилона таърифи нави ниҳоди оиларо пешниҳод карда, навъҳои оила, омилҳои пошхӯрии оила ва роҳҳои пешгирии онҳоро нишон додааст.

Дар маҷлиси шурои диссертансионӣ аз 14 марти соли 2024 Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ сазовор дониста шуда, қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар, аз ҷумла 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд.

Аз 15 нафар ҳайати умумии шуро, овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**

14 марти соли 2024